**«Тасдиқ мекунам»**

Ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории

Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ доктори илмҳои

таърих, профессор

Ибодуллозода А. И.__________

«_1_»_____02_______ 2024 с.

## ТАҚРИЗИ

**муассисаи пешбар ба кори диссертатсионии Солиҳов Саймурод Тағоймуродович дар мавзуи «Масъалаҳои ичтимоишавии шахс дар чомеаи тағйирёбандаи Точикистон» барои дарёфти дарачаи илмии номзади илмҳои сотсиологӣ аз рӯйи ихтисоси 22.00.04 – Сохтори иҷтимоӣ, ниҳодҳо ва равандҳои иҷтимоӣ**

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Таҳқиқоти илмӣ дар соҳаи сотсиология маҳсуб меёбад. Диссертатсия ба ихтисоси 22.00.04 – сохтори иҷтимоӣ, ниҳодҳо ва равандҳои иҷтимоӣ мувофиқат мекунад. Зеро низоми нави ҷамъиятӣ муносибатҳои иқтисодӣ, сиёсӣ ва маънавӣ низ тағйир ёфтанд ва натиҷаи он ба омилҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ бетаъсир намонда, идоракунии самараноки ҷамъиятро дар асоси дидгоҳи нави илмӣ ба миён гузошт. Дар натиҷаи тағйирёбии ҷамъият ниҳодҳо ва сохторҳои наве ба вуҷуд омаданд, ки ба иҷтимоишавии шахс таъсири муҳим гузоштанд. Хусусияти хоси иҷтимоишавии шахс дар фазои пасошӯравӣ дар ҷомеаи тоҷикистонӣ ба дигаргуншавии муҳити сохтори оила, сатҳи рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ, паҳншавии меъёрҳои анъанавии рафтор, сифати маориф, ба тамоюли худмуайянкунии иҷтимоии насли наврас ва ҷавонон таъсири бевосита расониданд.

Диссертатсияи таҳиянамудаи Солиҳов Саймурод Тағоймуродович дар мавзӯи «Масъалаҳои иҷтимоишавии шахс дар ҷомеаи тағйирёбандаи Тоҷикистон» барои дарёфти дарачаи илмии номзади илмҳои сотсиологӣ аз

руйи 22.00.04 – Сохтори иҷтимоӣ, ниҳодҳо ва равандҳои иҷтимоӣ, ки аз рӯйи он Шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 – уми ноябри соли 2021, таҳти №311/01 ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқ мебошад.

Зарурати омӯзиши иҷтимоишавии шахс дар шароити дигаргуншавии низоми муносибатҳои ҷамъиятӣ дар ҷомеа бояд хусусияти иҷтимоӣ-фарҳангӣ ва иқтисодӣ дошта бошад, то ин ки омилҳои зайл ба ташаккулёбии тамоюлҳои ҷавонон таъсири воқеӣ расонида тавонанд: интихоби касб, худмуайянкунии мавқеи ҳаётӣ ва нақши худ дар ҳаёти ҷомеа ва ғайраҳо. Аз ин нуқтаи назар, ҷой ва нақши маориф ва тарбияи меҳнатӣ дар сохтори иҷтимоии ҷомеа ба самти интихоби арзишии ҷавонон вобаста буда, дар ҳалли самараноки мушкилоти иҷтимоӣ-иқтисодӣ, аз ҷумла сиёсати давлатии ҷавонон таъсири мусбат мерасонад. Дар маҷмуъ, масъалаҳои зикр гардида, аҳамияти муҳими иҷтимоӣ-фарҳангӣ дошта, рушди устувори ҷомеаро таъмин менамояд.

Аҳамияти таҳқиқи мавзӯи диссертатсионӣ дар он ифода мeёбад, ки Мафҳуми «иҷтимоишавӣ» аз доираи фаҳмишҳои анъанавии «маълумот» ва «тарбият» васеътар мебошад. Маълумот чун интиқоли як маҷмуи маълумот шарҳ дода мешавад. Тарбия чун низоми ҳаракатҳои иродавӣ, бошуурона ба нақша гирифташуда фаҳмида мешавад, ки ҳадафи он ташаккули сифатҳою малакаҳои шахсӣ ва тарзи рафтори кӯдак мебошад. Дар муайяннамоии моҳияти раванди иҷтимоишавӣ ду нуқтаи назар мавҷуд аст. Ақидаи якум, иҷтимоишавӣ – шакли мушаххаси таълим (омӯзиши ботадриҷ), ин «кӯча бо роҳрави ягона» аст, ки роҳрави ишорашудаи ҷамъият мебошад ва худи инсон объекти ғайрифаъоли таъсироти гуногуни он тасвир мегардад. Бо ин фикри муаллиф аксарияти ҷомеашиносон дар айни замон розӣ мебошанд ва онро дар парадигмаи ба ҳам таъсиррасонии мутақобила ва на танҳо фаъолияти нишондодаи ҷомеа (агентҳои иҷтимоишавӣ), балки фаъолияти интихобкунандаи шахсро низ таъкид мекунанд.

Саҳми муаллифи диссертатсия аз он иборат аст, ки вай дар мавзӯи таҳқиқшаванда аз маводи маълумотҳои оморӣ ва натиҷаи таҳқиқоти сотсиологӣ, ки муаллиф бевосита дар байни донишҷӯёни чор макотиби олии шаҳри Душанбе соли 2019 оид ба «Иҷтимоишавии шахс дар шароити иқтисоди бозоргонӣ» гузаронида буд, омилҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ ва иқтисодиро дар марҳилаи кунунии низоми муносибатҳои ҷамъиятӣ ба таври муфассал таҳлил карда, тавсияҳои худро нисбати вазъияти муосири иҷтимоишавии шахс дар шароити равандҳои иҷтимоӣ, муҳити иҷтимоӣ ва иқтисоди бозоргонӣ пешниҳод мекунад. Муаллиф дар рафти таҳқиқ масъалаҳои гуногуни назариявию амалии масъалаи иҷтимоишавии шахс дар ҷомеаи тағйирёбандаи Тоҷикистон аз ҷумла ҳолатҳои афзоиши бекорӣ, сатҳи пасти маош, нафақа, ба табақаҳои мухталиф тақсимшавии ҷамъият, дастнорасии маводи ғизоӣ ва маҳсулоти лавозимоти аввалия дар байни баъзе гурӯҳҳои иҷтимоӣ гардид. Дар маҷмӯъ ин масъалаҳо боиси нигаронии табақаҳои иҷтимоии ҷамъият мегарданд. Бинобар ин, омӯзиш ва таҳлили ҷанбаҳои гуногуни масъалаҳои иҷтимоӣ, омилҳои объективию субъективӣ ва мушкилоти иҷтимоӣ дар шароити муносибатҳои бозаргонӣ ва таъсири онҳо ба равандҳои иҷтимоишавии шахс масъалаи мубрам маҳсуб мешавад. Кори диссертатсиониро муаллиф мустақилона таҳия намуда, ҳамчун масъалаи илман асоснокшуда дар сатҳи зарурии навгониҳои илмӣ пешниход намудааст. Ҳамин аст, ки рисолаи диссертатсионӣ хосияти илмию амалӣ пайдо намудааст. Натиҷа ва нуқтаҳои навини илмии ба химоя нешниходшуда саҳми шахсии муаллифи кори диссертатсиониро нишон медиҳанд.

Қобили зикр аст, ки муаллифи рисола тавонистааст, ки дар ду боб, панҷ зербоб паҳлуҳои мухталифи мавзӯи мавриди таҳқиқро дар асоси маводҳои муътамади дохилию хориҷӣ мавриди таҳлилу баррасии амиқ ва хулосагириҳо қарор додааст.

Дар муқаддимаи рисола мубрамияти мавзӯи таҳқиқшаванда, дараҷаи таҳқиқи мавзӯи илмӣ, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва ё мавзуъҳои

илмӣ, мақсади таҳқиқот, объект ва предмети таҳқиқот, марҳила, макон ва давраи таҳқиқот (доираи таърихии таҳқиқот), асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқот, навгонии илмӣ, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳамияти назариявӣ ва амалӣ, хеле хуб нишон дода шудаанд.

**Мақсади таҳқиқот** муайян кардани хусусиятҳои иҷтимоишавӣ дар давраи тағйироти ҷомеаи Тоҷикистон мебошад.

Барои ноил шудан ба ҳадафи таҳқиқот дар диссертатсия вазифаҳои зерин гузошта шудааст:

- муайян кардани вобастагии иҷтимоишавии шахс аз табдили муносибатҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ;
- ошкор намудани таъсири муҳити иҷтимоӣ ба иҷтимоишавии шахс;
- ошкор намудани раванди иҷтимоишавии шахс дар муҳити оилавӣ;
- муайян намудани омилҳое, ки ба шуғли насли наврас дар давраи дигаргунсозии Тоҷикистон таъсир мерасонанд;
-муайян кардани таъсири гурӯҳҳои хурд ба раванди маълумот ва касбияти меҳнат;
- муайян намудани иҷтимоишавии шахс дар раванди тарбияи меҳнатии насли наврас.

**Объект ва предмети таҳқиқот.** Ба сифати объекти диссертатсияи номзадӣ иҷтимоишавии шахс дар шароити гузариш ба шаклҳои нави низоми муносибатҳои ҷамъиятӣ баромад мекунад. Предмети таҳқиқотро хусусиятҳои хос, сохтори иҷтимоӣ-фарҳангӣ, иқтисодӣ ва таъсири онҳо ба тамоюлҳои иҷтимоишавии шахс ва омилҳои паст кардани он дар шароити иқтисодӣ бозаргонӣ ташкил медиҳад.

**Асосҳои назариявии таҳқиқотро** як қатор равишҳо ва усулҳои умумиилмию соҳавӣ, аз ҷумла равиши умумиилмии функсионализми сохторӣ, таҳлили сотсиологӣ (равиши табақабандии иҷтимоӣ) ва равиши системавӣ ташкил медиҳанд, чунки омӯзиши иҷтимоишавии шахс дар шароити гузариш ба иқтисоди бозаргонӣ дар доираи ин равишҳо мувофиқ мебошад.

**Асосҳои методологии таҳқиқот.** Дар доираи таҳқиқоти мазкур методҳои умумиилмӣ, таҳлили мантиқию-муқоисавӣ, шарҳдиҳӣ, умумиятдиҳӣ ва равиши функсионалӣ-сохторӣ истифода шуданд.

Боби якуми диссертатсия, ки **«Асосҳои назариявӣ-методологии омӯзиши иҷтимоишавии шахс дар давраи тағйирёбии ҷомеа»** номгузорӣ шудааст аз ду зербоб иборат мебошад, ки дар он масъалаҳои таҳаввулоти мафҳуми «иҷтимоишавӣ» дар назарияҳои сотсиологӣ, иҷтимоишавӣ ҳамчун хусусияти ҷомеаи муосир ва зуҳуроти иҷтимоишавӣ дар ҳаёти иҷтимоии ҷомеа таҳлилу баррасӣ шудааст.

Дар зербоби якуми боби аввал – **«Раванди иҷтимоишавии шахс дар шароити дигаргуншавии низоми муносибатҳои ҷамъиятӣ»** муаллиф мафҳуму моҳияти зуҳуроти иҷтимоишавӣ, шарҳи масъалаи иҷтимоишавӣ дар назарияҳои сотсиологӣ ва таҳаввулоти мазмуни мафҳуми «иҷтимоишавӣ» таҳқиқ намудааст.

Дар зербоби дуюми боби якум **«Омилҳои иҷтимоишавии шахс дар давраи гузариш ба муносибатҳои бозаргонӣ»** масъалаи иҷтимоишавӣ дар шароити тағйирёбии сохтори ҷомеа мавриди баррасӣ аз ҷониби муаллиф мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Муаллиф шароити тағйиёбии ҷомеаи тоҷикистонро гузариш ба муносибатҳои иқтисоди бозаргонӣ ҳалли самараноки мушкилоти иҷтимоӣ-иқтисодӣ аз тағйироти фаъолияти пурраи тамоми табақаҳои иҷтимоии ҷомеа вобаста медонад.

Боби дуюми диссертатсия **«Масъалаҳои иҷтимоишавии шахс дар ҷомеаи тағйирёбандаи Тоҷикистон»** ном дорад ва аз се зербоб иборат аст. Зербоби якуми боби мазкур **«Мушкилот ва хусусиятҳои аввалияи иҷтимоишавии шахс дар шароити ҷомеаи тағйирёбандаи Тоҷикистон»** унвон гирифтааст. Муаллиф оиларо як воҳиди ҷамъият дониста, қайд менамояд, ки фазои онро яке аз омилҳои ташаккули равонии кӯдак маҳсуб медонад. Кӯдакон дар рафти ҳаёт муносибатҳоро дар симои волидайн, хоҳарон ва бародарон азхуд мекунанд. Инчунин, психологияи оилавӣ бо баъзе илмҳои

дигари инсоншиносӣ, ба монанди ҷомеашиносӣ, мардумшиносӣ, психологияи иҷтимоӣ алоқаи ҷудонашаванда дошта, душвориҳои издивоҷ, ихтилофоти заношӯӣ ва масъалаҳои таълиму тарбияи фарзандонро дар бар мегирад.

Дар зербоби дуюми боби дуюми диссертатсия - **«Нақши маориф дар иҷтимоишавии шахс»** муаллиф масъалаи низоми маорифро ҳамчун ниҳоди иҷтимоӣ дар баробари ниҳоди оила, омили муайянкунандаи иҷтимоишавии шахс таҳқиқ намудааст. Мақсади низоми маориф дар ҷомеа аз он иборат аст, ки ба инкишофи ҳамаҷонибаи инсон мусоидат намуда, ба ошкор намудани қобилияти фард ва ба самти дуруст равона кардани фаъолияти ӯ кӯмак намояд. Ҳамзамон, диссертант қайд менамояд, ки талаботи моддию маънавии аъзои ҷамъият, ташаккули инсони муосир ва тағйир додани муҳити атрофи зисти инсонро дигаргун намуда, метавонад ба раванди иҷтимоишавии шахс мусоидат намояд.

Дар зербоби сеюми боби дуюм – **«Тарбияи меҳнатӣ ҳамчун ҷанбаи муҳими иҷтимоишавии шахс»** масъалаҳои меҳнат ва тарбияи меҳнатӣ чун омили иҷтимоишавӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Ба андешаи муаллиф тарбияи меҳнатӣ, дараҷаи муайяни инкишофи шахс, заминаи боэътимодӣ азхуд намудани меҳнати ҷисмонӣ ва фикрӣ, инкишофи қобилиятҳои равонӣ, таъсири мусбат ба саломатӣ, ҳавасмандгардонии сифатҳои ахлоқӣ, баланд бардоштани эътимоди худ, рушди муносибатҳои коллективӣ, кумак ба худмуайянкунии касбӣ мебошад.

Ҳамин тавр, рисолаи Солиҳов С. Т. - дорои сохтор ва пайдарҳамии матолиби он ба талаботҳои барои рисолаи пешниҳод гардида ҷавобгӯ мебошад, ки онҳо аз дастовардҳои муаллифи рисола маҳсуб меёбанд.

Хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда дар асоси натиҷаҳои ошкоршуда ироа карда шудаанд, ки аз эътимоднокии онҳо дарак медиҳанд. Муаллиф бо овардани далелҳои илмӣ андешаҳои хешро тақвият бахшида, ба натиҷаҳои муайян расидааст. Муаллиф дар ҳар қисмати таҳқиқот дар заминаи

баррасиҳо ба хулосаҳои муайяне расидааст, ки дар натиҷагирии умумӣ инъикос карда шудаанд.

Дар хулосаи диссертатсия Солиҳов С. Т. - натиҷаҳои ба даст овардаро баён сохта, оид ба истифодаи амалии онҳо тавсияҳои муфид пешниҳод намудааст.

Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои илмии тақризшаванда. Аз руйи мавзӯи диссертатсия муаллиф 5 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр намудааст. Ғайр аз ин, натиҷаҳои асосии диссертатсия дар 10 конференсияи илмию назариявии ҷумҳуриявӣ дар шакли маъруза пешниҳод гардидаанд. Теъдоди маводи чопнамудаи муаллиф ба банди 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд. Хулосаҳо ва натиҷаҳои асосии таҳқиқот, инчунин тавсияҳои илмии довталаб дар мақолаҳо ва маърӯзаҳои илмии ӯ дарҷ гардидаанд. Автореферат ва интишороти муаллиф муҳтавои асосии диссертатсияро дарбар мегиранд.

Дар баробари муваффақиятҳои зиёд диссертатсия аз баъзе камбудию норасоиҳо холӣ нест. Онҳоро ба таври зайл нишон додан мумкин аст:

1. Хуб мешуд, ки нақшаи кори диссертатсионӣ таҷдиди назар мегардид.
2. Беҳтар мешуд, ки муаллиф ба масъалаи муҳимми замони имрӯзаи иҷтимоишавии шахс дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тариқи пурсишҳои сотсиологӣ, таҳқиқот анҷом медод.
3. Муаллифро зарур аст, ки ҳангоми натиҷагириҳои таҳқиқот масъалаи истифодаи амалии пешниҳодотро мушаххасан нишон медод.

Бояд қайд намуд, ки камбудиҳои чойдошта арзиши илмии кори диссертатсиониро паст намесозанд ва он ба талаботи бандҳои 31-33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, тахти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он Солиҳов Саймурод Тағоймуродович сазовори дарёфти дарачаи илмии номзади

илмҳои сотсиологӣ аз рӯйи ихтисоси 22.00.04 – Сохтори иҷтимоӣ, ниҳодҳо ва равандҳои иҷтимоӣ мебошад.

Тақриз ба талаботи банди 79-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

Тақризи мазкур дар маҷлиси васеи кафедраи сиёсатшиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ аз 11-уми октябри соли 2023, суратмаҷлиси ғайринавбатии №3 муҳокима ва тасдиқ карда шудааст.

Дар маҷлиси кафедра 13 нафар иштирок намуданд. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафтор» - 13 нафар, «муқобил» - нест, «бетараф » - нест.

Раиси ҷаласа:
Мудири кафедраи сиёсатшиносӣ,
номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент Бедилзода Ҳ.К.

Котиби ҷаласа: Амиров Т.Ш.

Омодасози лоиҳаи тақриз: н.и.с. Ахиева С. М.

Имзоҳои номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент Бедилзода Ҳ.К., Амиров Т.Ш. ва Ахиева С. У. - ро тасдиқ менамоям.

Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси ДДОТ ба номи С. Айнӣ Мустафозода К.

1.02.2024

**Суроғаи муассиса:** *734003, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121.Тел.: (+992 37) 224-13-83*